**Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Баҳорзода Сироҷиддини Ашур дар мавзуи «Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик (нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2025.**

Таҳқиқи осори чеҳраи мондагори миллати тоҷик Садриддин Айнӣ собит менамояд, ки дар меҳвари он масъалаҳои мубрами таърихи нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX қарор дорад. Устод С. Айнӣ ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии халқи тоҷикро дар як марҳалаи ҳассоси таърихӣ ба таври мушаххас ва равшан мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Дар маҷмуъ, рисолаи номзадии Баҳорзода Сироҷиддини Ашур аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Муаллиф дар муқаддимаи рисола мубрамии масъалаи мавриди таҳқиқ, асосҳои назариявӣ, пойгоҳи сарчашмашиносӣ, асосҳои методологӣ, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсияро ба таври мушаххас зикр менамояд. Ҳамчунин, тавсифи натиҷаҳои масъалаи таҳқиқшаванда ва сохтори диссертатсия низ пешбинӣ шудааст.

Боби аввали диссертатсия **«Инъикоси масоили мубрами таърихи охири асри XIX-и халқи тоҷик дар осори С. Айнӣ»** ном дошта, аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал «Вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии охири асри XIX дар таҳқиқоти С. Айнӣ», дар зербоби дувум бошад, «Вазъи фарҳанги халқи тоҷик дар охири асри XIX аз нигоҳи С. Айнӣ» ва дар зербоби сеюм «Инъикос ва баррасии ҳаракати маорифпарварӣ дар осори С. Айнӣ» ба таҳлили муфассали бобҳои ҷудогона, вижагӣ ва навгониҳои асари мазкур бахшида шудааст.

Боби дувуми диссертатсия – **«Масоили таҳлилу омӯзиши таърихи ибтидои асри XX-и халқи тоҷик дар осори С. Айнӣ»** ном дошта, аз се зербоб иборат аст. Муаллиф дар такя ба осори Садриддин Айнӣ масъалаҳои мубрами таърихи ибтидои асри XX-и халқи тоҷикро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Бояд гуфт, ки дар маркази таваҷҷуҳи муаллиф қабл аз

ҳама оқибатҳои ҳамлаи Русияи подшоҳӣ ба Осиёи Марказӣ ва сиёсатҳои он дар минтақа, масъалаҳои омӯзиши ҳаракати ҷадидия, вазъи иҷтимоӣ-сиёсии ибтидои асри XX дар асоси осори С. Айнӣ қарор дорад.

Аз омӯзиши диссертатсия бармеояд, ки Баҳорзода Сироҷиддини Ашур дар раванди таҳқиқ аз маводи фаровони илмӣ истифода намудааст. Андеша ва ақидаҳои муаллиф бо далелҳои мухтамади илмӣ асоснок гардидаанд ва аз ҳама муҳим диссертант асару мақолаҳои Садриддин Айниро роҷеъ ба таърихи нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX маъриди таҳлилу баррасии мушаххас қарор медиҳад.

Дар маҷмуъ, бо дарназардошти мазмун ва муҳтавои автореферат метавон бо боварии комил гуфт, ки диссертатсияи Баҳорзода Сироҷиддини Ашур комилан ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Автореферати рисола мазмуни онро дуруст инъикос менамояд. Муаллифи рисола Баҳорзода Сироҷиддини Ашур барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор мебошад.

Муқарриз:
доктори илмҳои таърих, Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба
номи А. Дониши АМИТ Абдурашитов Ф.М.

Имзои доктори илмҳои таърих,
Абдурашитов Ф.М.-ро тасдиқ мекунам:
Нозири калони шуъбаи кадрҳо Файзуллоева Г.К.

ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 9
Институти таърих, бостоншиносӣ ва
мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ

23.05.2025